**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи „Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)“ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Яке аз самту равияҳои муҳими илми таърих, таърихнигорӣ ва муаррихони замони муосир ин таҳлилу баррасӣ, арзёбии илмии тадқиқотҳо, асарҳо ва дастовардҳои илмии муаррихону бостоншиносон оид ба бостоншиносии Тоҷикистони шӯравӣ мебошад. Археологияи Тоҷикистон нисбатан ҷавон буда, омӯзиши ёдгориҳои археологии кишварамон асосан дар солҳои шӯравӣ оғоз ёфт.

Доир ба таърихи омӯзиши археологии ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои шимоли он, дар замони шӯравӣ, ташаккул ва рушду нумӯи бостоншиносии тоҷик дар асри XX, марҳилаҳои гуногуни таърихи инкишофи он тадқиқотҳои наонқадар зиёд мавҷуданд. Таърихи омӯзиши археологии шимоли Тоҷикистон қисман дар тадқиқотҳои муаррихони шӯравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтааст. Аммо ин тадқиқотҳо ҳанӯз аз нигоҳи илми таърихшиносӣ таҳлил ва баррасӣ нашудаанд.

Аз ин рӯ мавзӯи диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло – “Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)” - ҳеле муҳим, замонавӣ ва дорои аҳамият ва арзиши баланди илмӣ аст. Зеро таҳлилу таҳқиқ, арзёбии ҳамаҷонибаи осори муаррихону бостоншиносон оид ба археологияи Тоҷикистони давраи Шӯравӣ, муайян намудани саҳму хизмати бостоншиносон дар ин ҷода вазифаи муҳими илми таърихнигорӣ ва муҳаққиқони ҷавон аст.

Баробари шиносоӣ бо автореферат маълум гашт, ки диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло аз нигоҳи мазмун, мундариҷа, бунбаст ва шарҳу баёни мавзӯъ дуруст, бомантиқ буда, диссертант тамоми масъалаҳои марбут ба мавзӯи интихоб кардаашро инъикос намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсиони аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар сарсухан диссертант арзиш ва аҳамияти илмии мавзӯи интихобкардаашро асоснок намуда, мақсаду мароми тадқиқоти худро баён намудааст.

Дар бобҳои алоҳидаи рисола инъикоси давраҳои омӯзиши археологии Тоҷикистон дар ҳисоботҳои роҳбарони дастаҳои археологӣ ва дар адабиёти илмӣ таҳлил шудааст. Илова бар ин чанде аз масоили мубрами илми бостоншиносии тоҷики шӯравӣ низ аз назар гузаронида шудаанд. Дар боби аввал оғози омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистони шимолӣ ва мушкилоти давраи гузариш инъикос ёфтааст, боби дуюм ба фаъолияти дастаҳои Экспедитсияи археологии Тоҷикистон, боби сеюм бошад ба Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ бахшида шудаанд.

Диссертант ба ташкилёбии экспедитсияи махсус - Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) зери роҳбарии академик Нӯъмон Неъматов ва фаъолияти саҳроии он эътибори ҷиддӣ додааст. Хайруллозода Кароматулло зикр намудааст, ки нуққоти таҳқиқи ЭБКТШ асосан дар қаламрави шаҳру деҳкадаҳои вилояти Суғд ҷараён дошта ва бостоншиносон бо ҳафриёти осори харобаҳои шаҳрҳои қадима, кӯшкҳо, бошишгоҳҳо, деҳкадаҳо, нақдҳо ва осори дигари маданияти қадимаи вилоятҳои таърихии Хуҷанд, Илок, Истаравшан ва ҳам Фарғонаи Ғарбӣ сару кор доштанд.

Аз автореферати тақризшаванда бармеояд, ки масъалаҳои асосии омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ чунин будаанд: а) масоили замони асри биринҷӣ ва ибтидои асри оҳани аҳолии муқимнишин ва кӯчии Фарғонаи Ғарбӣ; б) таҳқиқи номи маҳалҳои таърихӣ (топонимика) ва ҷой ба ҷой гузоштани онҳо; шакли иқтисодӣ ва маданияти моддии шаҳрҳои қадимаи Хуҷанду Истаравшан; в) масоили мубрами ёдгориҳои санъати тасвирӣ, ақоиди динӣ ва расму русумҳои

халқӣ; г) навъҳои ёдгориҳои моддӣ, меъмории суннатӣ ва динӣ; д) навъҳои истеҳкомҳои ҳарбӣ. Дар ин радиф бостоншиносон О.И.Смирнова, Б.А.Литвинский, Окладников, Н.Н.Неъматов, Е.Д.Салтовская, Ӯ.Пӯлотов, А.Мирбобоев, С.Ш.Марофиев, Т.В.Беляева ва дигарон саҳми арзанда гузоштанд. Дар давоми зиёда аз 60 сол бостоншиносон шумораи зиёди ёдгориҳои археологии Тоҷикистони шимолиро кашф ва таҳқиқ намудаанд.

Диссертант зикр намудааст, ки дар фаъолияти кории дастаҳои археологӣ донишмандони варзидаи таърихи меъморӣ аз ҷумлаи С.Г.Хмелнитский, В.А.Воронина, Р.С.Муқимов, С.Мамадҷонова ва дигарон мунтазам иштирок доштанд.

Саҳм ва хизмати диссертант аз ин иборат аст, ки ӯ дар асоси ҷамъоварӣ, омӯхтан, ба низом овардани адабиёти мавҷуда ва такя бар он доир ба таърихи таҳқиқи бостоншиносии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ба таври мухтасар, вале боварибахш ва ҷолибу шафқангез маълумот додааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, тибқи талаботи ҷории КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии асари мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Мақолоти нашрнамудаи унвонҷу, ки микдори онҳо 13 адад аст, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмуъ, автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло кори баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи унвонҷу иҷро шудаанд. Дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе аз лағзишу норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар нашри ояндаи кор судманд хоҳад буд.

Кори илмии Хайруллозода Кароматулло дар чаҳорчубаи талаботҳои рисолаи илмӣ таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгу мебошад.

Дотсенти кафедраи таърихи бостоншиносӣ
ва мероси ниёгони Донишкадаи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент,
номзади илмхои таърих, **Қурбонов Ш. Ф.**
Тел.: +992 92 712 4047

Имзои Қурбонов Ш.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрхо ва корҳои махсуси
Донишкадаи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон дар ш.Панҷакент Қурбонов М. Л.

Суроға: 735500 , Ҷумҳурии Тоҷикистон.
вилояти Суғд, ш. Панҷакент, куч. Рӯдаки, 108
Телефон: +992 3475 5 4020
E-mail: tou@bk.ru; dotpanj.tj